УДК 33Т
ББК 65.9 (5Т)
М 92

# НАЗАРИЯИ ТАШАККУЛИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ОНҲО

***Ишонова Сайёра Султоновна*** *– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
***Муҳсинова Парвина Абдулқосимовна*** **-** *номзади илмҳои иқтисодӣ,дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони МДТ ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail:abulkosim-m@mail.ru*
***Ҳикматова Парвина Ҳакимовна*** **-** *магистранти соли 2-юми кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

# ТЕОРИЯ ФОРМИРОВАНИЯ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН И ИХ ОСНОВНЫЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ

***Ишанова Сайёра Султоновна*** *-, доцент кафедры мировой экономики ГУО “Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова”, г. Худжанд, Республики Таджикистан.*
***Мухсинова Парвина Абдулкосимовна*** **-** *доцент кафедры мировой экономики ГОУ ХГУ имени академика Б.Гафурова. г. Худжанд, Республике Таджикистан, e-mail:abulkosim-m@mail.ru*
***Хикматова Парвина Хакимовна,*** *магистрант 2-го курса кафедры мировой экономики ГУО “Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова”, г. Худжанд, Республики Таджикистан.*

# THE THEORY OF FORMATION OF FREE ECONOMIC ZONES AND THEIR MAIN CHARACTERISTICS

***Ishanova Sayora Sultonovna*** **-** *Candidate of Economics, Associate Professor of the Department of World Economy, State Educational Establishment “Khujand State University named after Academician B. Gafurov”, Khujand, Republic of Tajikistan.*
***Muhsinova Parvina Abulkosimovna*** **-** *Re-searcher of the KhujandState University named after academician B.Gafurov. Khu-jand, Republic of Tajikistan, e-mail:abulkosim-m@mail.ru*
***Hikmatova Parvina Khakimovna*** **-** *2 nd year master student of the Department of World Economy, Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Khujand, Republic of Tajikistan.*

***Калидвожаҳо:*** *минтақаҳои озоди иқтисодӣ, иқтисодӣ минтақа, робитаҳои иқтисодӣ, нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиёт, низомнома дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ.*

*Дар мақолаи мазкур, назарияи ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва саҳми онҳо дар рушди иқтисодиёти милли таҳлил ва арзёби карда шудааст. Зимни омӯзиши масъалаи мазкур, қайд карда шудааст, ки ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун сохтори иқтисодӣ ва танзими давлатии он ба пояҳои ҳуқуқӣ такя мекунад, ки яке аз усулҳои ҳуқуқии ташаккули минтақаҳои озоди ба ҳисоб меравад. Барои такмили раванди ташакккули минтақаҳои озоди иқтисодӣ якчанд*

*усул ва роҳҳои муосир пешниҳод гардида шудааст.Дар раванди омӯзиши назарияи ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодӣ муаллиф якчанд назарияҳои мухталифро омӯхта дар асоси онҳо, пешниҳодҳои дақиқ намудааст, ки татбиқи онҳо дар амалия ба такмили ингуна минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда мерасонад. Инчунин, барои ташаккул ва минбаъдаи фаъолияти минтақаҳои озоди иқтичодӣ маблағҳо ва захираҳои пулӣ лозим мебошанд, ки дар мақолаи мазкур якчанд сарчашмаҳои онҳо мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.*

***Ключевые слова:*** *свободные экономические зоны, экономика региона, экономические отношения, показатели экономического развития, положение о свободных экономических зонах.*

*В данной статье анализируется и оценивается теория формирования свободных экономических зон и их вклад в развитие национальной экономики. В ходе изучения данного вопроса было отмечено, что формирование свободных экономических зон как экономической структуры и ее государственное регулирование опирается на правовые основы, что считается одним из правовых способов формирования свободных зон. Предложено несколько современных методов и способов совершенствования процесса формирования свободных экономических зон.В процессе изучения теории формирования свободных экономических зон авторы изучили несколько различных теорий и сделали четкие предложения, реализация которых на практике приводит к совершенствованию таких зон в Республике Таджикистан. Также для формирования и дальнейшего функционирования свободных экономических зон необходимы средства и финансовые ресурсы, несколько источников которых анализируются в данной статье.*

***Keywords:*** *free economic zones, regional economy, economic relations, indicators of economic development, regulations on free economic zones.*

*This article analyzes and evaluates the theory of the formation of free economic zones and their contribution to the development of the national economy. In the course of studying this issue, it was noted that the formation of free economic zones as an economic structure and its state regulation is based on legal foundations, which is considered one of the legal ways of forming free zones. Several modern methods and ways to improve the process of formation of free economic zones are proposed.In the process of studying the theory of the formation of free economic zones, the author studied several different theories based on them, made clear proposals, the implementation of which in practice leads to the improvement of such zones in the Republic of Tajikistan. Also, for the formation and further functioning of free economic zones, funds and financial resources are needed, several sources of which are analyzed in this article.*

Яке аз самтҳои муҳими ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ, ки имрӯз вирди забони иқтисодшиносон гардидааст, ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошад. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ қисмати маҳдуди фазои иқтисодӣ кишвар мебошад, ки дар ҳудуди он низоми махсуси хоҷагидорӣ амал мекунад ва барои фаъолияти иқтисодии дохилӣ ва хориҷӣ ба корхонаҳо имтиёзҳои васеъ дар бахши андозситони ва ҳаракати озоди сармояву қувваи кори таъмин мегардад. Ба ақидаи муасиссон минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва таъсиси онҳо ҳамчун аломати ҷори намудани принсипиҳои иқтисодӣ озод буда, низоми гумрукию андозситонӣ, барои равнақу ривоҷи сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ мусоидат мекунад.

Ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун сохтори иқтисодӣ ва танзими давлатии он ба пояҳои ҳуқуқӣ такя мекунад. Назарияи ташаккулёбии минтақаҳои озоди иқтисодӣ асосан ду масъалаи асосиро дар бар мегирад.

**Якум**. Масъалаи аз ҷиҳати илмӣ асосноккунии иқтисодию техникии таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ, аз ҷумлаи лоиҳаи пурраи инкишофи он. **Дуюм**. Асоснок намудани таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз нигоҳи самаранокии иқтисодии фаъолиятбарии он.

Ҷиҳати илмии асосноккунии иқтисодию техникӣ бояд дар доираи ҳуҷҷати бениҳоят зарур – равиши (методикаи) таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ таҳияшуда, дастуре гардад, ки мушкилоти кормандонро осон ва ҳуҷҷатҳои

пешниҳод шавандаи онҳоро асосноктар гардонад. Ин масъала аз он ҷиҳат зарур аст, ки таҳиягарони лоиҳаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ мазмуни «асосноккунии иқтисодию техникӣ» -ро дар бисёр ҳолатҳо пурра тасаввур намекунанд, чунки дар бораи унсурҳои асосии ин ҳуҷҷат дар санадҳои расмӣ маълумоти дақиқ дода нашудааст.

Талаботе, ки ба таҳияи равиши таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ пешниҳод мешаванд, чунин гурӯҳи масъалаҳоро дар бар мегирад, ки онҳоро бояд ҳаллу фасл кард:

– гузориши масъала ва ҳадафҳои таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ бо дар назардошти вазифаю самтҳои асосии фаъолияти ҳар як минтақаи озоди иқтисодии мушаххас;

– заминаҳои таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ бо дарҷи имкониятҳо, иқтидорҳои иқтисодию истеҳсолии мавҷуда, тавсифи иқтисодии ноҳия, шаҳру вилоят ва дигар воҳидҳои марзӣ, ки дар қаламрави минтақаи озоди иқтисодӣ бунёд мегарданд.

– асосноккунии заминӣ барои минтақа ҷудошаванда ва тавсифи майдони ҷудошуда.

Алалхусус, масоҳати замин бо нишондоди сарҳади он, инчунин бо замима гардонии нақшаи (харитаи) маҳҳал ва мавзеи минтақа, тавсифи иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷуғрофии он дар ҳуҷҷат бояд дарҷёбад. Интихоби мавзеи барои минтақасозӣ ҷудо шуда на бояд тасодуфӣ бошад, бо чунин нишондиҳандаҳо асоснок шуда бошад:

– аз нигоҳи ҷуғрофӣ ( тавсифи релеф, мавҷудияти захираҳои об, канданиҳои фоиданок), тавсифи иқтисодӣ (корхонаҳои мавҷуда,тахассус ва мансубият ба шакли моликтият, намуд ва ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда, микдори ҷойҳои корӣ, шумораи кормандон бо нишондоди музди миёнаи онҳо, фондҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолии), тавсифи иҷтимоӣ ва рушди инфрасохтор (бо нишондоди номгӯй, иқтидори истеҳсолӣ);

– ифрасохтори иҷтимоӣ ( объектҳои тандурустӣ, маориф, савдо, хизматрасонии маиши ва ғайра);

– инфрасохтори нақлиётӣ ( роҳҳои мошингард, роҳҳои оҳан)

– инфрасохтори хизматрасониҳои корхонаҳо;

Ҳамаи ин нишондиҳандаҳои дар боло дарҷ гардида вобаста ба тавсифи замини ҷудогардида дар маҷмӯъ барои асосноккунии интихоби мавкеи ҷойгиркунонии минтақаҳои озоди иқтисодӣ муҳим мебошад. Дар ин асос мавзеи интихобшуда бо ҳамаи шароитҳои иқтисодию ҷуғрофи ва иҷтимоии он бояд бо мақсаду вазифаҳои бунёди минтақаи озоди иқтисодӣ созгор бошанд, яъне аз нигоҳи дар оянда сохтани корхонаҳои резидентҳо, ҷойгиркунии соҳаҳои истеҳсолот, рушди дар нақша пешбинишудаи минтақа мувофиқ ва қуллай бошанд.

Барномаи рушди минтақаи озоди иқтисодӣ ва дурнамои он, бояд масъалаҳои резидентҳои эҳтимолие, ки дар минтақа пайдошуда фаъолият мебаранд, бо пешгӯии рушди иқтисодию иҷтимоии соҳаҳои фаъолияти онҳо дар натиҷаи бархурдорӣ аз имтиёзҳои дар минтақа ҷори шавандаро дар бар гирад. Инчунин асосноккуни, ба тариқи пешгӯӣ, рушди иқтисодиёти минтақа бо нишондодӣ ҳаҷми истеҳсолот ва фондҳои истеҳсолӣ, даромад, ҳаҷми андозу дигар пардохтҳо, микдори сармояи зарури бо ҷудо намудани манбаъҳои эҳтимоли воридшавии он бояд ҷой дошта бошад.

Захираҳои пулии барои бунёди минтақаҳои озоди иқтисодӣ лозимӣ, яке аз муҳимтарин масъалаҳои асосноккунии молиявӣ буда, бояд бо нишондиҳандаҳои барномаи рушди минтақа мувофиқа шуда бошанд. Сарчашмаҳои маблағгузорӣ гуногун буда метавонанд, масалан: аз ҳисоби дастгирии давлатӣ бо роҳи маблағҷудокунӣ аз буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ; қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ; маблағгузориҳои ихтиёрии соҳибкорони алоҳида, сармоягузорони хориҷӣ ва дигар манбаъҳои эҳтимолии маблағгузорӣ.

Асосноккунии механизми фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, аз ҷиҳати иҷтимоӣ, экологӣ, инчунин реҷаи имтиёзҳои андозбандӣ ва гумрукӣ, ки барои ҷалби сармоягузорон мавриди таваҷҷӯҳқарор мегирад.

Чорабиниҳои аввалиндараҷаи ташкилу бунёд ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, анҷом додани чораҳоеро тақозо мекунад, ки бо тайёр намудани асосҳои меъёрию ҳуқуқии умуми ҷумҳуриявӣ ва минтақа алоқаманд буда, таҳия ва тасдиқи чунин ҳуҷҷатҳоро дарбар мегиранд:

1. Низомнома дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ.
2. Низомнома дар бораи мақомоти идоракунии минтақаи озоди иқтисодӣ.
3. Низомнома дар бораи Фонди рушди минтақаи озоди иқтисодӣ.
4. Низомнома дар бораи таъсиси гуруҳҳои инноватсиони ва вазифаҳои ба души онҳо гузошташуда.
5. Низомнома дар бораи қарзи андозбандӣ дар минтақаи озоди иқтисодӣ.
6. Низомномаи муваққатӣ дар бораи андозбандӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ
7. Низомнома дар бораи тартиби таъсисдиҳии минтақаи озоди гумрукӣ ва дигар минтақаҳои функсионалӣ дар қаламрави минтақаи озоди иқтисодӣ.

Муддати тулонӣ ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ асосан фаъолияти тиҷоратӣ хос буд. Дар ин минтақаҳо молҳо ҷамъ оварда шуда, бо онҳо танҳо амалиётҳоеро анҷом медоданд, ки барои нигоҳдории сифат ё ин ки барои беҳтарсозии намуди зоҳирӣ равона мешуданд.

Танҳо солҳои 60-уми асри гузашта дар доираи минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои коркарди молҳо иҷозат шуда буд. Бо ин роҳарзиши молҳо афзун гардида, минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз марказҳои ҷамъоварию тақсимоти молҳо ба мавзеи коркард ва ба шакли дигар гузаронидани молҳо мубаддал мешуданд.

Солҳои 80-уми асри XX «марҳилаи наве буд, ки барои раҳои ёфтан аз қафомонии баъзе соҳаҳои саноат, фаъолияти бонкӣ ва суғуртавӣ равона шуда буд. Дар ин марҳила барои тақвияти рушди минтақаҳои алоҳидае, ки дар ҳолати бӯҳрон қарор доштанд, чораҳо андешида шуданд.

Тамоюли асосие, ки дар марҳилаи номбурдаи тараққиёти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба чашм мерасид, ҷорӣ намудани шароити имтиёзнок барои корхонаҳои дар қаламрави минтақа воқеъ буда, имтиёзҳо вобаста ба андозбандӣ ва сода намудани тарзи идоракунии маъмурии онҳо мебошад.

Дар ҳолате, ки сухан дар бораи имтиёзҳои андозию гумрукӣ меравад, бояд тазаккур дод, ки онҳо аз шароити хосаи ин ё он минтақаҳои озоди иқтисодӣ вобастаанд. Дар қатори барҳамдодани боҷи гумрукӣ итиёзҳои дигар метавонанд ҷой дошта бошанд, чунончи:

– барҳам додани ягон намуди андоз аз ҳисоби пайдо намудани ҳуқуқи содироти мол, озод намудан аз дигар андозҳо, масалан аз андоз аз амволи ғайриманқул, инчунин андозҳои маҳалли , ки дар як қатор давлатҳо ҷой доранд;

– пешниҳоди реҷаи имтиёзноки андозбандии даромади кормандони хориҷие, ки дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолият мекунанд;

– пурра ё қисман барҳам додани андозбандии фоидаи корхонаҳои минтақа барои мӯҳлати муайян вобаста ба шароитҳо.

Дар Кореяи Ҷанубӣ корхонаҳои дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсисёфта панҷсоли аввал аз ҳама гуна имтиёзҳо озод мебошанд ва сесоли минбаъда маблағи андоз 50% кам карда мешавад.

Арзёбии самаранокии таъсиси минтақаи озоди иқтисодӣяке аз масъалаҳои ҳам назариявӣ ва ҳам омили иқтисодию сиёсии зарурати бунёди минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошад ,ки зарурияти муайян намудани самаранокии иқтисодӣ дар доираи ҳамаи чорабиниҳои давлатӣ ба мавқеи хоса соҳиб буда, унсури асосноксозӣ ва нишондиҳандаи ба мақсад мувофиқ будани ҳар як чорабинро нишон медиҳад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷаҳон сохтори гуногуни ташкилию функсионалиро доро мебошанд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ асосан ду шакл доранд: ҳудӯди ва функсионалӣ. Ҳарчанд дар тарҳрезиву бунёди онҳо принсипҳои ягонаи тартиботи махсуси иқтисодӣ вуҷуд дорад, аммо миёни ин шаклҳо фарқҳо низ мушоҳида мешаванд. Дар шакли ҳудуди корхона ва созмонҳое, ки дар марзи ҷудогонаи қаламрави кишвар дар доираи минтақаи ҳудӯди воқеанд, дар фазои тартибот ва ё фишангҳои иқтисодии имтиёзнок қарор мегиранд. Дар шакли функсионали кулли имтиёзҳою тартиботи махсуси иқтисодӣ ба фаъолияти соҳибкории чудогона (соҳавӣ) новобаста аз ҷойгирии ҳудуди ва ё минтакавии он муайян мешаванд.

Интихоби яке аз ин ду шакл аз ҳадафу вазифаҳои мушахасси ташкили ин минтақаҳо бармеояд. Масалан, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳудуди барои ҳалли муаммоҳои рӯшди минтақаҳои муайяни кишвар ва татбиқи сиёсати минтақавӣ таъсис дода мешаванд. Шакли функсионалӣ фазои махсуси иқтисодӣ асосан дар мавриди навсозӣ ва тағири куллии таркиби иқтисоди милли ва ё соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ муайян мегардад ва он имкон медиҳад, ки минтақаҳои дақиқ дар фаъолияти соҳаи алоҳида таъсис ёбанд.

Инро бояд зикр намуд, ки шакли ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ хеле паҳнгашта мебошанд. Ин шакл барои ҷумҳурии мо низ аҳамияти калон дорад. Зеро ташаккули иқтисодӣ миллии том ва бозори миллии воқеи бе таъмини шароити мусоиди баробар дар фаъолияти иқтисодӣ барои минтақаҳои мухталифи кишвар ва ё бе таъмини таносуби минтақавӣ ногузир аст. Бинобар он сиёсати минтақавии Ҳукумати ҷумҳури низ ба он равона шудааст, ки минтақаҳои кӯҳи, наздикӯҳи ва дурдасти кишвар аз маҷрои умумии рӯшди иқтисодию иҷтимоии кишвар берун намонад. Дар татбиқ ва суръатбахши ин равандҳо таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ омили муҳим ба ҳисоб мераванд.

Аз рӯӣ маълумотҳо теъдоди аз ҳама зиёди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка- 213 адад, Чин - 124 адад, Мексика – 107 адад вуҷуд дорад. Дар умум миқдори минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Америкаи Шимолӣ - 320 адад, кишварҳои Осиё - 225 адад, Аврупо - 81 адад, Ҳавзаи баҳри Кабир - 43 адад, Африка – 47, Америкаи Марказӣ – 41 адад, Америкаи Ҷанубӣ – 41 адад, Шарқи Наздик ва Миёна – 39 ададро ташкил медиҳад. Шумораи минтақаҳоро аз рӯи гурӯҳбанди ин тавр ҷудо мекунанд: наздик ба 400 адад минтақаҳои озоди тиҷоратӣ; 400 адад бошишгоҳҳои илмию техникӣ; 300 адад минтақаҳои истеҳсолию содиротӣ, ва зиёда аз 100 адад минтақаҳои таъиноти махсусдошта (марказҳои туристӣ, минтақаҳои истироҳатӣ, марказҳои оффшорӣ ва ғайра).

Аз рӯи хусусияти умуми минтақаҳои озоди иқтисодӣ, чун қоида, ба якдигар монананд, аммо вазифаҳои онхо ниҳоят гуногун мебошанд. Дар адабиёти илмӣ наздик ба 30 намуди минтақаҳои озоди иқтисодиро аз ҳам фарқменамоянд, ки аз байни онҳо минтақаҳои зерин бештар густариш ётаанд: минтақаҳои озоди тиҷоратӣ; минтақаҳои тиҷоратии бебоҷ; минтақаҳои озоди гумрукӣ; минтақаҳои озоди содиротӣ; минтақаҳои озоди иқтисодӣ; минтақаҳои озоди истеҳсолӣ; минтақаҳои озоди саноатӣ; минтақаҳои озоди бонкӣ; минтақаҳои соҳибкорӣ; марказҳои оффшорӣ; марказҳои туристӣ; минтақаҳои тараққиёти техникию иқтисодӣ; марказҳои инноватсионӣ; минтақаҳои озоди иттилоотӣ; минтақаҳои наздисарҳадӣ ва минтақаҳои озоди иқтисодии байналмилали.

Ҳамин тавр, таҳлили адабиётҳо нишон медиҳанд, ки нахустин минтақаҳои озоди иқтисоди, тавре ки дар боло қайд гардид, дар замонҳои қадим ба вуҷуд омада, хусусиятҳои ҳамон давраро дар худ таҷассум менамуданд. Табаддулотҳои саноатӣ, бахусус, инқилоби илмию техники ба тавлидоти минтақаҳои тахассуси илмӣ дошта, пайдо шудани бошишгоҳҳои илмию техникӣ, марказҳои навҷорисозӣ (инноватсионӣ) ва бар асари инқилоби кунунии иттилоотӣ - ташаккул ёфтани сохторҳои навтарин ба монанди **минтақаҳои иттилоотӣ** сабабгор шуданд.

Дар натиҷаи таҳлили гузаронидашуда хулосабардориҳои зерин намудан мумкин мебошад.

1. Масъалаҳои ташаккули минтакаҳои озоди иқтисодӣ дар замони муосир мубрам боқӣ мемонанд, ки бояд онҳо бо тамоми ҷанбаҳои иқтисодии кишвари таъсисдиҳанда пайваста шавад. Пеш аз оне, ки ингуна минтақаҳо ташаккул дода шаванд, бояд инфрасохтори онҳо бунёд гардад.

2. Омӯзии адабиётҳои ватанию хориҷӣ нишон дод, ки раванди ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодӣ ниҳоятан мураккаб буда таърихи кӯҳан дорад, ки зимни ташаккули онҳо бояд ҳамаи принсипҳои ташаккул бояд риоя гарданд.

3. Зимни ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодӣ бояд нишондиҳандаҳои онҳо пурра риоя карда шавад. Яке аз ин гуна ниҳондиҳанда ин ҳудуди минтақаҳои мазкур ба ҳисоб меравад. Яъне, тибқи талаботҳои байналмилали ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ бояд хело ҳам паҳн гашта бошад, ки барои бунёди корхонаҳо ва инфрасохтори онҳо шароити муфид бошад.

4. Зимни таҳлил қайд карда шуд, саҳми минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ калон мебошад. Яъне, бо воистаи онҳо низомҳои нави истеҳсолотӣ, молиявӣ, хизмастрасонӣ ва нақлиёти ташкил карда мешавад, ки ба динамика ММД таъсиргузор мебошад. Инчун, дар бунёди ҷойҳои кории нави доимӣ ва мавсими минтақаҳои озоди иқтисодӣ саҳми арзанда доранд, ки дар маҷмӯ ба афзоиши даромаднокии аҳолӣ таъсир намуад сатҳӣ зиндагии мардум боло меравад.

## АДАБИЁТ


1. Молдован А.А. Свободные экономические зоны // Электронный научный журнал «Вектор Экономики» №5, 2019, С .110-121
2. Горячих М.В., Кравченко Л.А. Свободная экономическая зона как фактор регионального экономического развития // Финансы, банки, инвестиции № 2, 2020, С. 213-222
3. Павлов П. В., Защитина Е. К. Свободные экономические зоны как современный институт развития в международном бизнесе // Вестник Санкт-Петербургского университета. Экономика. 2020, Т. 36. Вып. 4. С. 675–692.
4. Ҳакимзода А., Раҷабов Қ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ: таърихи пайдоиш ва муаммоҳои густариш. Паёми Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), № 1(45). Бахши илмҳои иқтисодӣ (қисми1), 2008. 43-53 с.
5. Раҷабов Қ., Ҳакимзода А., Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии самти иқтисод. - Душанбе: «Ирфон», 2010. – 490 с.


## LITERATURE


1. Moldovan A.A. Free Economic Zones // Electronic Scientific Journal "Economic Vector" No. 5, 2019, P.110-121
2. Goryachikh M.V., Kravchenko L.A. Free economic zone as a factor of regional economic development // Finance, banking, investment No. 2, 2020, p. 213-222
3. Pavlov P. V., Zashchitina E. K. Free economic zone as a modern institute of development and international business // Vestnik of St. Petersburg University. Economy. 2020, T. 36. Vyp. 4. p. 675–692.
4. Hakimzoda A., Rajabov Q. Free economic zones: history origin and development problems. Message of the National State University of Tajikistan (scientific journal), No. 1(45). Department of economic sciences (part 1), 2008. 43-53 p.
5. Rajabov K., Hakimzoda A., Free economic zones. Textbook for students of higher schools in the field of economics. - Dushanbe: "Irfan", 2010. - 490 p